*Ба Шурои диссертатсионии*
*6D.КОА-062 назди Донишгоҳи*
*славянии Тоҷикистон-Россия*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Дар шароити муосир ва афзоиши муҳити рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ рушди инноватсионии иқтисодиёт ҳар чӣ бештар муҳим ва моҳиятан самаранок барои ҳар як давлату минтақа маҳсуб мeёбад. Рушди инноватсионӣ на танҳо бо омилҳои беруна, балки бо масъалаҳои дохилии минтақавӣ, аз он ҷумла зарурати таъмини рушди устувори иқтисодии онҳо алоқаманд аст. Аз ин рӯ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои гузошташуда муҳимияти мавзӯи таҳқиқот бе баҳс аст.

Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии он, инчунин муайян кардани имкониятҳои истифодаи он дар вилояти Хатлон дар сатҳи хуб гузаронида шудааст.

Ба андешаи диссертант, ташаккул ва рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бе сармояи хусусӣ ғайриимкон буда, бояд як низоми нави андозбандиро ташаккул дод, ки сармоягузоронро ба раванди маблағгузории навовариҳо ҳавасманд кунад. Бо такя ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ муаллиф пешниҳод намудааст, ки муассисаҳоеро ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд, дар ду соли аввали истеҳсоли маҳсулоти нав аз андоз озод карда, аз манбаи андози фоидае, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионии ба барномаҳои давлатӣ шомилбуда, хориҷ карда шавад (саҳ.13).

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки муаллиф дар рафти таҳлил муайян намудааст, ки дар вилоят дар давраи аз соли 2015 то соли 2020 аз 12522,7 млн. сомонӣ то 22080,4 млн. сомонӣ, ва ё зиёда аз 1,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар натиҷаи ин, даромади буҷети вилоят, ки аз ҳисоби он иқтидори илмӣ-техникии минтақа маблағгузорӣ мешуд, 1,5 баробар афзудааст. Омили чунин афзоиш фаъолшавии функсияҳои давлат дар

татбиқи мазмуни иҷтимоии иқтисоди бозорӣ ва имконият барои беҳтаршавии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон мебошад, ки он хоси иқтисодиёти имрӯза ба ҳисоб меравад. (саҳ.14).

Дар диссертатсия самтҳои асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ аниқ ва муайян карда шуда, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, маориф, нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод карда шуданд.

Боиси дастгирӣ роҳҳои пешниҳод намудаи муаллиф ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа бо назардошти бизнес-инкубаторҳо, маркази мутахассисию таҳлилӣ, омодагии менеҷерони инноватсионӣ, фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, инноватсионии ҷавонон ва такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон боиси дастгирӣ мебошад.

Новобаста аз бартариятҳо автореферат дори чунин норасоиҳо мебошад. Аз ҷумла:

1. Муаллиф пешниҳоди ҷолиберо оид ба роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон манзур сохтааст, ки қобили қабул мебошад. Агар муаллиф шарҳи онро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.
2. Инчунин дар автореферат бартарии ташкили бизне-инкубаторҳо ва самтҳои такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилоят ба тариқи пурра пешниҳод нагардидаанд.

Эродҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки соҳаи таҳқиқ ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илмӣ (илмҳои иқтисодӣ) аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур тадқиқоти илмии ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии нави ҳалли

масоили ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир мебошад.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

Тақриздиҳанда:
д.и.и., профессори Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Раҷаб Кӯчакович

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳоти, ½, Телефон: +992(37)234-83-46, +992(37)234-85-46,(+992)934444107 (м.). E-mail: drrajab@mail.ru, www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.С.